# ҚАРОРИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-061 назди Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**аз 15 сентябри соли 2023 ш. Бохтар**

Баромади **Раҳимзода Қурбоналӣ Назар** дар мавриди муаррифии муҳтавои диссертатсия дар мавзуи «Ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.10. – Таърихи илм ва техника (илмҳои таърих), тақризи муассисаи тақриздиҳанда, баромади муқарризони расмӣ – **Қурбонов Баҳром Раҳмонович**, доктори илмҳои таърих, профессор, ноиби ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам-Абуҳанифа; **Раҳимова Шаҳноза Каримовна**, номзади илмҳои таърих, сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон, муқарризони ғайрирасмӣ – доктори илмҳои педагогӣ, профессор Ғуломов И., доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сатторов А.Э., доктори илмҳои таърих, профессор Алимов Д.Х., доктори илмҳои биология, профессор Давлатзода С.Х. ва дигаронро шунида, муҳокима намуда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулнамудаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаи бадастовардаи **Раҳимзода Қурбоналӣ Назар**

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи **Раҳимзода Қурбоналӣ Назар** дар мавзуи «Ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII» аз рӯйи ихтисоси 07.00.10. – Таърихи илм ва техника (илмҳои таърих) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми таърих ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 июни соли 2021, № 267) тасдиқ гардидааст, комилан мувофиқат мекунад.
2. Маводи илмии нашрнамудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд.
3. Ба Раҳимзода Қурбоналӣ Назар дараҷаи илмии номзади илми таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10. – Таърихи илм ва техника (илмҳои таърих) дода шавад.
4. Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Раҳимзода Қурбоналӣ Назар дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои таърихро диҳад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 8. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои физика-математика,**
**профессор** **Комилӣ А.Ш.**

**Котиби илмии шурои**
**диссертатсионӣ, номзади илмҳои**
**химия, дотсент** **Болтаев М.А.**

15.09.2023